# САФИРОНИ ИМА ВА РУСИЯ НАХУСТИН МУҲОКИМАИ МУШТАРАКРО ДАР ДОНИШГОҲИ СЛАВЯНӢ ГУЗАРОНИДАНД

**Душанбе, Тоҷикистон, 29 сентябри соли 2010 –** Сафири ИМА Кен Гросс ва сафири Русия Юрий Попов дар муҳокимаи муштарак бо зиёда аз 50 донишҷӯёни бахши робитаҳои байналмилалӣ аз Донишгоҳи славянӣ ширкат варзиданд. Сафирон ба саволҳои донишҷӯён оид ба масъалаҳои кӯмаки иқтисодии Русия ва ИМА, бехатарии сарҳад, сиёсати байни ИМА ва Эрон, ҳамкории ИМА ва Русия, муҳоҷират ва маориф посух доданд. Раҳмон Ӯлмасов, декани факултаи забонҳои хориҷии Донишгоҳи славянӣ барандаи ин музокирот буд.

Гросс ва Попов қайд карданд, ки дар муддати роҳбарияти Обама робитаҳои байни Русия ва ИМА равнақ ёфтанд. “Мо зичтар шудани робитаҳоро дар сатҳи хеле баланд, байни президенти Русия ва президенти Амрико, мушоҳида кардем ва ин ҷо дар Душанбе ман аз доштани ҳамтои мисли сафир Попов хушнудам. Мо дар ин ҷо низ робитаҳои хеле зич дорем. Мо метавонем якҷоя чизҳоеро амалӣ намоем, ки ба нафъи ҳар ду давлат ва давлатҳои дигаранд” – иброз дошт сафир Гросс.

“Федерасияи Русия ва ИМА дар вақти роҳбарияти Обама робитаҳои худро эҳёи тоза бахшиданд ва ҳоло мо як рӯҳи мусобиқаи солим дорем, ки шафоф ва аз муқобилият холист. Амрико ва Русия барои ҳаётро дар Тоҷикистон беҳтар намудан дасти ҳамдигар гирифтанд” – илова намуд сафир Попов.

Донишҷӯён дар бораи фазои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон, имкониятҳои ҳамкорӣ дар бахши маориф байни ИМА ва Тоҷикистон ва амалҳои ИМА ва Русия барои кӯмак ба Тоҷикистон дар пешгирии тероризм суол карданд.

Оид ба масъалаи терроризм, сафир Гросс гуфт: “Иёлоти Муттаҳида барои кӯмак ба амнияти сарҳад бо Афғонистон лоиҳаҳои зиёд дорад. Дар баробари ин, худи Тоҷикистон барои пешгирии воруди террористон ба Тоҷикистон ва дигар мамлакатҳо корҳои хуб ба анҷом мерасонад. Ин як кӯшиши муштараке мебошад, ки Иёлоти Муттаҳида ва Русия доду гирифти иттилоот ва ҳамкорӣ алайҳи гурӯҳҳои террористро, ки ҳар ду кишвари моро зери ҳадаф қарор додаанд, амалӣ менамоянд”.

Сафир Попов афзуд: “Тероризм ин яке аз марговартарин хатар барои ҳукуматҳои мо мебошад. Тоҷикистон аз назари ҷойгирии географӣ ба маркази тероризм наздик аст, ман Афғонистонро дар назар дорам. Аз ин сабаб ҳам омодагии муштарак алайҳи он ҳам аз ҷониби Москва ва ҳам аз ҷониби Вашингтон ба манфиати ҳар ду ҷониб аст”.

Донишҷуён инчунин ба сафири ИМА оид ба масъалаҳои робитаи ИМА ва Эрон ва ҳаёти мусулмонон дар Амрико ва ба сафири Русия дар бораи ташаннуҷи байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон суол карданд. Дар охир донишҷӯён ба сафирон арзи сипос намуданд ва хоҳиш карданд, ки чунин чорабиниро аз ин пас ҳар сол рӯзи 29 сентябр доир намоянд. Сафирон барои вохӯрӣ дар Донишгоҳи славянӣ ва дар чорабиниҳои дигар изҳори розигӣ намуданд.

Аксҳо ва видеоро аз маросим дарёфт намоед.

# # #